Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози Тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

9 июни соли 2021. Чоршанбе № 45 (14746)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО ТАШРИФИ РАСМӢ АЗ ТОҶИКИСТОН БОЗДИД МЕНАМОЯД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 10-11 июни соли ҷорӣ бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф меорад.***

Бинобар барномаи ташриф баргузор намудани чорабиниҳои дуҷониба дар шаҳри Душанбе – маросими пазироии расмӣ, мулоқот дар доираи танг ва ҷамъомад дар ҳайати васеъ, маросими онлайни кушодани объектҳои иҷтимоӣ, ба имзо расондани маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дуҷониба пешбинӣ гаштааст.

Муҳокимаи масъалаҳои муҳими таҳкими минбаъдаи муносиботи дӯстонаи Ӯзбекистону Тоҷикистон, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ ба нақша гирифта шудааст. Ба муайян намудани «нуқтаҳои инкишоф»-и нави ҳамкории бисёрҷанба ва пеш бурдани лоиҳаҳои мушаххаси рушди ҳамкории амалӣ ба истиқболи дарозмуддат эътибори алоҳида дода мешавад. Пешвоён инчунин дар бобати масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ ва рӯзномаи минтақавӣ табодули афкор хоҳанд кард.

Ғайр аз ин, роҳбарони давлатҳо дар чорабиниҳои муштараки маданӣ дар пойтахти Тоҷикистон иштирок карда, бо намояндагони ҷамъият мулоқот намуда, аз якчанд объекти саноатӣ дар вилояти Суғд боздид ба амал меоранд.

Дар поёни чорабиниҳо ба имзо расондани беш аз 30 ҳуҷҷат, ки муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории муфиди тарафайни байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро фаро мегиранд, дар назар дошта шудааст.

Махсус бояд зикр кард, ки солҳои охир муносиботи байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нав – дараҷаи шарикии стратегӣ баромада, бо муҳтавои мушаххаси амалӣ пурра гардиданд.

Бо ташаббус ва бо шарофати иродаи қатъии сиёсии пешвоён масъалаҳои муҳими инкишофи алоқаҳои байни ду мамлакат ва халқҳои бародар ҳаллу фасл гардиданд.

Ҳаҷми табодули мол ба маротиб афзуда, соли гузашта беш аз 500 миллион долларро ташкил намуд, беш аз 200 корхонаи муштарак ба вуҷуд оварда шуд. Дар соҳаи гуманитарӣ табодул суръати баланд дошта, байни минтақаҳо низ робитаҳо самарабахш мебошанд.

Дар шароити муракка-би пандемия Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳамбастагӣ зоҳир намуда, дар бартарафсозии оқибатҳои коронавирус ба кӯмаки ҳамдигар расиданд.

Дар доираи омодагӣ ба ҳамоиши оянда ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматие, ки аз ҷониби сарвазирони ду мамлакат сарпарастӣ гардиданд, анҷумани илмиву амалӣ, Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон ва дигар чорабиниҳо бомуваффақият анҷом ёфтанд. Дар арафаи боздид инчунин нахустин Анҷумани байниминтақавӣ ва вохӯрии Шӯрои соҳибкорон ба вуқӯъ хоҳанд пайваст.

**ЎзА.**

## АЗ РӮИ ЛОИҲАҲОИ НАВ ТАВСИЯҲО ДОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев 8 июн бо тақдимоти лоиҳаҳои соҳаи маданият ва маориф шинос гардид.***

Китобхонаи замонавӣ, ки дар ҳудуди Боғи миллии ба номи Алишер Навоӣ бунёд мегардад, аз ҷумлаи онҳост. Аз рӯи лоиҳа китобхона аз се ошёна иборат гардида, дар ҳудуди он қитъаи сабз ба вуҷуд оварда мешавад. Дар ошёнаи якум адабиёт дар бораи санъат ва технологияи иттилоотӣ ҷой гирифта, дар ошёнаи дуюм адабиёти таърихӣ ва филологӣ, китобҳо дар бораи дин, дар ошёнаи сеюм адабиёт оид ба илмҳои гуманитарӣ ҷой хоҳанд гирифт. Фонди китобхона аз беш аз 1,5 миллион китоб, аз он ҷумла нашрия ва ҳуҷҷатҳои электронӣ доир ба соҳаҳои гуногуни илм иборат хоҳад буд.

Роҳбари давлат ба ногузирии зимни сохтмони китобхона татбиқи пешқадамтарин дастовардҳои шаҳрсозӣ ва ба назар гирифтани тамоми шароит барои боздидкунандагон ишора кард.

Инчунин лоиҳаи гузоштани ёдгории нави Муҳаммад ал-Хоразмӣ дар шаҳри Урганҷ ва бунёди хиёбон дар атрофи он рӯнамоӣ карда шуд.

Бинобар қарори Президент аз 2 декабри соли 2020, соли ҷорӣ 85-солагии таваллуди Артисти халқии Ӯзбекистон Ботир Зокиров ҷашн гирифта мешавад. Бинобар ин сана дар шаҳри Тошканд гузоштани ҳайкал ба ҳунарпеша ба нақша гирифта шудааст.

Дар тақдимот инчунин эскизҳои ин ёдгориҳо, ки аз ҷониби Академияи бадеӣ аз тариқи озмун интихоб гаштаанд, аз назар гузаронда шуданд. Дар бобати ободонии майдонҳои барои ёдлгориҳо интихобгардида, тавсияҳо дода шуд.

**ЎзА.**

## ОИД БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА НЕКЎАҲВОЛИИ МАРДУМ ВАЗИФАҲОИ ИЛОВАГӢ МУАЙЯН ШУДАНД

***Таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 8 июн ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ аз тариқи тараққиёти хоҷагии қишлоқ ва соҳибкорӣ, инчунин афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ баргузор гардид.***

Имсол бинобар барномаи шуғл ба вуҷуд овардани 457 ҳазор ҷойи доимии кор пешбинӣ гардидааст. Манбаъҳои асосии ба даст овардани ин мақсад хоҷагии қишлоқ, соҳибкорӣ, со-ҳаҳои савдо ва хидматрасонӣ муайян гардидаанд. Ҳамин тариқ аз ҳисоби ташкили савдо ва хидматрасонӣ дар шафати шоҳроҳҳо, созмон додани кӯчаҳои махсус дар шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо ба вуҷуд овардани 150 ҳазор ҷойи кор имконпазир аст.

Боз як захираи калони ба вуҷуд овардани ҷойи кор босамар истифода намудани замин мебошад. Моҳи январи соли ҷорӣ озмоиши ҷудо намудани замини кишт барои ҷавонон шурӯъ шуда буд, натиҷаҳои он қаноатбахш дониста шуданд. Дар асоси озмоише, ки дар Сурхондарё оғоз ёфтааст, тартиби ба аҳолии бекор додани замини хоҷагии қишлоқ ба иҷора барои даҳ сол барои машғул гардидан бо хоҷагии деҳқонӣ ба амал татбиқ мегардад.

Барои ин аз имсол эътиборан қариб 100 ҳазор гектар замин, ки аз ҳисоби кам кардани майдони кишти ғалладона озод мегардад, ба бекорон барои ба вуҷуд овардани хоҷагии деҳқонӣ пешниҳод мегардад. Пас аз ҷамъоварии ҳосили пахта барои ин мақсадҳо барилова 100 ҳазор гектар замин холӣ карда мешавад.

– Ба ҷавонон пешниҳод намудани замин озмоиш буд. Ҳоло мо ба системаи калон мегузарем. Мо заминро ба соҳиби ҳақиқӣ – халқ медиҳем. Ҳокимон, роҳбарони секторҳо кадом қитъа аз пахта ва кадом қитъа аз ғалладона озод карда шуда ва ба бекорон дода мешавад, бояд муайян кунанд. Ва ҳамзамон адолатро бояд риоя кунанд. Ин садҳо ҳазор нафарро бо кор ва даромад таъмин менамояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба шахсони масъул супориши расондани тухмӣ ва ниҳол ба аҳолие, ки соҳиби замин гаштаанд ва ҳамчунин аз ҷиҳати молиявӣ таъмин намудани хариди маҳсулоти омодагардида дода шуд.

Пӯшида нест, ки ҷараёни ҷудо намудани замин хеле ношаффоф ва зери таъсири падидаи коррупсионӣ қарор дошт. Аз ин рӯ 8 июн Президент фармонро дар бораи чорабиниҳо оид ба таъмини баробарӣ ва шаффофӣ дар муносиботи замин, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқ барои дарёфти замин ва ба активи бозорӣ табдил додани он имзо намуд.

Минбаъд таҷрибаи бевосита ва беғараз пешниҳод намудани замин барои бо соҳибкорӣ машғул гардидан пурра қатъ карда мешавад ва замин барои мулки хусусӣ фурӯхта мешавад ё ба иҷора дар асоси шароити шаффофи барои ҳама ягона – аз тариқи ауксиони электронӣ дода мешавад. Ҳамаи ваколати ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо, ки ба ҷудо намудани замин ва бозгардондани он таллуқ доранд, бекор карда мешавад.

Дар ҷамъомад роҳбари давлат аҳамияти ҳуҷҷати мазкурро қайд кард ва дар бобати ташкили иҷрои он дар маҳалҳо, таъмини адолат ва қонуниятсупоришҳо дод.

Боз як масъалае, ки бо некӯҳолии аҳолӣ алоқа дорад – суботнокии нархи маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

– Паст кардани нарх маънои онро надорад, ки соҳибкорон ва чорводорон маҳсулоти худро бо нархи арзон фурӯшанд. Дар навбати аввал бояд пешниҳодро дар бозор афзун гардонд, – гуфт Президент.

Ба самтҳое, ки дар муддати кӯтоҳ натиҷаи баланд медиҳанд, эътибори алоҳида додан лозим аст ва дар ин бобат ба шахсони масъул фармоиш дода шуд. Яке аз чунин соҳаҳо паррандапарварӣ мебошад.

Масалан, барои он ки парранда як килограмм вазн гирад, ба он 1,7 килограмм озуқа, барои ҳайвоноти калони шохдор 8 килограмм озуқа лозим аст. Аммо дар мамлакатамон ба ҳар сари аҳолӣ ба миқдори кам гӯшти мурғ ва тухм истеҳсол мегардад.

(Давомаш дар сах.2).

## АВВАЛИН КУҲНАВАРДИ ЎЗБЕКИСТОНӢ, КИ ЭВЕРЕСТРО ЗАБТ КАРД

***Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев куҳнаварди диловари диёрамон Сергей Денисенкоро, ки қуллаи баландтарини ҷаҳон Эверестро забт намуда, дар он ҷо парчами давлатамонро устувор намуд, бо унвони ифтихории «Ӯзбекистон ифтихори» ва автомобили сабукрави «Trailblazer» мукофотонид.***

Дар чорабинии тантанавие, ки ба ин муносибат баргузор шуд, мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Абдувахитов, муовини роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Котиби матбуоти Президент Шерзод Асадов, намояндагони созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, журналистон иштирок карданд.

Сергей Денисенко аввалин куҳнаварди ӯзбекистонӣ мебошад, ки қуллаи Эверестро аз самти ҷанубии он, ки роҳи душвортарин мебошад, забт кардааст.

Вай аз бачагӣ бисёр вақти худро дар оромгоҳҳо гузаронида, сайру саёҳат кардааст. Соли 2007-ум Сергей Денисенко оҷонсии рекламавии худро кушод ва ба сифати куҳнаварди саноатӣ фаъолият бурд.

С.Денисенко барои забт кардани қуллаи баландтарини ҷаҳон – Эверест (Ҷамолунгма), ки 8848,86 метр баландӣ дорад, муддати мадид тайёрии пухта дид. Бояд гуфт, ки ин комёбии нахустини Сергей нест. Соли 2019-ум вай қуллаи Мераи Непалро низ фатҳ карда буд.

Аммо Эверест орзуи азалии куҳнавард буд, ки имрӯз ба ҳақиқат табдил ёфт. 11 апрели соли 2021 дар ҳайати гурӯҳи Никита Балабанов экспедитсияи ӯ бо ҷамоаи «Кулуар» ба Эверест оғоз ёфт. Дар шароити номусоиди обу ҳаво корҳои мувофиқсозии иқлим амалӣ гардиданд. Якбора дигаргун шудани обу ҳаво барои фатҳи қулла имкон намедод. Аммо сабру матонат ва хоҳиши забт намудани қуллаи баландтарини дунё бартарӣ карданд.

Дар маросими мукофотонӣ ба куҳнавард бахри забти қуллаҳои нав омад ва муваффақиятҳо орзу карданд.

**ЎзА.**

### ЎЗБЕКИСТОН – ТОҶИКИСТОН:

## ТАЪРИХ ГУВОҲ АСТ, КИ...

Чанд далел: Ба қарибӣ як гурӯҳи калони тадбиркорони ӯзбекистонӣ иборат аз 150 нафар ба Тоҷикистон сафар карданд. Чанд рӯз пеш раҳбарияти Агентии кинематографияи Ӯзбекистон аз Душанбе баргашт, бо ҳамкасбони тоҷикашон оид ба вусъат бахшидани ҳамкориҳои эҷодӣ аҳднома имзо намуданд, дар маросими кушоиши Ҳафтаи кинои ӯзбек иштирок доштанд. Миёнаи моҳи май Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода меҳмони Тошканд шуда, дар маҷлиси Комиссияи байниҳукуматии Ӯзбекистон – Тоҷикистон оид ба савдо ва саноат ширкат варзид. Дар ин ҷамъомад қайд шуд, ки солҳои наздик ҳаҷми мубодилаи мол аз ду ҷониб ба 1 миллиард доллари ШМА расонида мешавад. Бояд хотиррасон кард, ки дар охири соли 2017 ин нишондиҳанда 240 миллион долларро ташкил карда буд. Вазирони нақлиёти ду мамлакат истиқболи инкишоф додани ҳамкориро дар соҳаи транзит муқаррар карданд. Байни ҳукумати Ӯзбекистону Тоҷикистон дар бораи қабули шаҳрвандони Тоҷикистон ба мактабҳои олии ҳарбии кишвари мо созишнома ба имзо расид. Байни Академияи илмҳои ду мамлакат низ бобати вусъат додани ҳамкориҳо тавофуқ ба даст омад.

Соли гузашта китоби устод Лоиқ Шералӣ "Дасти дуои модар" ба забони ӯзбекӣ бо номи "Онагинам" ба чоп расид.Ба муносибати 80-умин солгарди таваллуди ин шоири шаҳир ва 110-солагии устод Мирзо Турсунзода дар як қатор ноҳияҳои Ӯзбекистон маҳфилҳои адабию бадеӣ баргузор шуданд.

Хабарнигорони шабакаи телевизионии "Ӯзбекистон 24" ба Тоҷикистон рафта, доир ба ин кишвари ҳамсоя якчанд гузоришот тайёр намуда, мардуми Ӯзбекистонро аз муваффақиятҳои Тоҷикистон бохабар карданд. Хусусан, гузоришоти хабарнигорон аз бозори марказии Душанбе – "Меҳргон" хеле аҷиб буд. Бозори растаҳояш ботартибу фаровон дили ҳар як бинандаро хурсанд месозад. Беҳуда бозорро барометри холиси фикри иҷтимоӣ намегӯянд. Дар ин бозор хабарнигорон бо гузаштагони насле суҳбат оростанд, ки дар солҳои 30-юми асри XX аз ноҳияҳои мухталифи Ӯзбекистон, хусусан, Ургуту Шаҳрисабз, Китоб, Риштону Чуст, Косонсой ба Душанбе кӯч баста буданд. Онҳо намояндагони ду миллат буда, дар бозори пойтахти Тоҷикистон бо хабарнигорон озодона ба ду забон гуфтугӯ мекарданд. Маҳсули дасти ҳунармандони Истаравшан хеле ҷолиб буд... Бо як сухан, ниятҳои ҳама иштирокдорони суҳбат хеле начиб буд, ҳама мо "даркушоӣ кунем, на дарбандӣ" мегуфтанд, то ки муносибатҳои ду давлат бештару беҳтар шавад...

Ин гуна далелҳоро пеш аз оғози сафари расмии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон аз хусуси вусъату уфуқҳои нави ҳамкориҳои ду ҷониб бисёр овардан мумкин. Ин робитаҳо қариб тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифтаанд. Хулоса, динамикаи равобит, муносибатҳои неки ду кишвар бо иродаи роҳбарони ду республика рӯз аз рӯз меафзояд.

Оре, панҷ сол пеш ин гуна хабарҳои хушро ба хаёл овардан ҳам мумкин набуд.

Барои он, ки ба қадри ин рӯзҳо расем, ба таъриҳи начандон дур назар меандозем. Моҳи ноябри соли 1995. Бо орзуҳо ва мақсадҳои начиб Ассамблеяи маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ дар Тошканд (аввал Туркистон номиданӣ буданд, аммо бо пешниҳоди вакилони Тоҷикистон, хусусан шодравон академик Муҳаммадҷон Осимӣ номи марбут ба Осиёи Марказиро гирифт) таъсис дода шуд.

(Давомаш дар сах.2).

### Ба пешвози 30-юмин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ҚАДАМҲОИ ҚАТЪИИ ҶУМҲУРӢ ДАР РОҲИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ НЕРӮИ БАРҚ

***Ҷамъияти саҳҳомии "Нерӯгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон" дар шафати шаҳраки Нуристони ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё воқеъ гаштааст. Он дорои се блок мебошад. Қуввати умумии ин се блок 1700 МВт соатро ташкил менамояд. Гуфта мешавад, ки он яке аз корхонаҳои бузурги тавлиди нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.***

Ба гуфтаи директори генералии ҶС "Нерӯгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон" Олим Юсупов блоки аввали ин нерӯгоҳ бо қувваи 800 МВт ҳанӯз моҳи ноябри соли 2004 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

– Манбаи асосии сӯзишвории нерӯгоҳ газ табиӣ мебошад. Блокҳои 2-юм ва 3-юми буғӣ моҳи феврали соли 2017 бо иқтидори 450 МВтӣ пурра ба тавлиди нерӯи барқ шурӯъ намуданд. Дар блоки якум барои тавлиди 1 кВт соат нерӯи барқ бештар аз 313,5 грам сӯзишвории шартӣ, яъне газ истифода мешавад. Аммо дар нерӯгоҳҳои 2-юм ва 3-юм сарфи ин сӯзишвории шартӣ ҳамагӣ 220-221 грамро ташкил медиҳад, – гуфт Олим Юсупов.

Маълум шуд, ки таҷҳизоти буғу газ 2-юм ва 3-юм дар консорсиуми ширкатҳои машҳури Куриёи Ҷанубӣ – "Hyundai Engineering and Construction" ва "Daewoo International Corporation" сохта ва барои истифода қарор дода шудааст. Баъди ба кор андохтани ин энергоблокҳо қувваи солонаи тавлиди нерӯи барқи ҶС "Нерӯгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон" ба 7,2 миллиард киловат соат афзоиш ёфтааст. Ба иборати дигар, нерӯгоҳ барои истеъмолгарон дар як сол 11,4 миллиард киловат соат нерӯи барқ расонида медиҳад.

– Чунин имкониятҳои фаровони тавлиди бештари нерӯи барқ танҳо дар натиҷаи ба кор даромадани дастгоҳҳову таҷҳизоти наву замонавӣ муяссар гардид. Танҳо дар давоми солҳои 2017-2020 аз ин ҳисоб 1,9 миллиард метри мукааб гази табиӣ сарфа шуд. Агар ин рақамро бо асъори хориҷӣ ифода намоем, маблағи умумии он 118 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад, – изҳор кард директори генералии нерӯгоҳи барқӣ.

Ба таъкиди Олим Юсупов ғайр аз он ки дар ин ҷо нерӯи барқи босифат истеҳсол карда мешавад, ҳамзамон арзиши он низ ба карат поён мефарояд. Дар он сурат гази зарарноки ба фазо истихроҷшуда низ коҳиш хоҳад ёфт.

– Яъне миқдори гази зарарноки ба фазо пошхӯрда ба 3,1 баробар кам шуд ва ин нишондиҳандаи хеле хуб мебошад. Бо ба кор андохтани дастгоҳҳо ва таҷҳизоти нав тавонистем, ки ба таври иловагӣ 124 ҷои нави кор низ фароҳам оварем.

(Давомаш дар сах.2).

### ЎЗБЕКИСТОН – ТОҶИКИСТОН:

# ТАЪРИХ ГУВОҲ АСТ, КИ...

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аммо ассамблея ба мақсадаш – наздик кардани робитаҳои фарҳангии мардумони давлатҳои минтақа ва мусоидат ба ҳамбастагӣ ва қаробати халққо расида натавонист. Зеро ба ин нияту маромҳои нек иродаи сиёсии раҳбарони давлатҳо мададгор нашуд. Соли 2000. Дар маркази фарҳангии байналмилали ҷумҳурӣ бо иштироки Президенти ассамблея Чингиз Айтматов маҳфили дӯстию адабӣ баргузор шуд.

Дар он адабиётшиноси маъруф, Қаҳрамони Ўзбекистон, марҳум Озод Шарофиддинов ҷилави суханро ба даст гирифта гуфт, ки "Ассамблея, ассамблея мегӯед. Аммо натиҷаи кори он чист? Вақте чор тарафи мо бо симхорҳо печонида шуда бошаду аз хоки як давлат ба хоки дигар давлат гузашта натавонем, чӣ гуна дар бораи ҳамкорӣ ҳарф задан мумкин! Замоне ман ба Қўқанд аз тариқи Хуҷанд мерафтам. Ба ин шаҳри бостонӣ даромада, бо аҳли оила меҳмони хонаводаи адиби забардасти тоҷик Раҳим Ҷалил мешудем. Сари як пиёла чою палави хуҷандӣ аз хусуси равобити адабӣ, тарҷумаи асарҳо, дӯстии халқҳои ўзбеку тоҷик суҳбат мекардем.

То бозгашт аз Қўқанд китоб ё мақолаи додаам тарҷума мешуд. Албатта, мақоллаи "Жаҳон адабиёти" дар роҳи шиносонидани навгониҳои адабиёти халқҳои ҳамсоя азм кардааст. Лекин ба мулоқоти рў ба рўй, самимию зиндаи бародарон чӣ расад?!"

Инак, замоне расид, ки дар бораи қудрати дӯстӣ бемалол ҳарф мезанем, рўҳи аҷдодонро шод мекунем. Ниёгон барои мо мерос ва анъанаҳои некро боқӣ гузоштаанд, ки онҳо чашмаи илҳоми адибони имрўза шудаанд. Шоири

***Дар сурат:*** *адиби ўзбек Ғафур Ғулом дар меҳмонии Устод Садриддин Айнӣ ва дар мобайн нависандаи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ.*

боистеъдодамон, дорандаи ордени "Дӯстӣ"-и ду давлат — Ўзбекистону Тоҷикистон Тўхтамиш Тўхтаев (Паймон) "Назм-ул-ҷавоҳир"-и Алишери Навоиро ба тоҷикӣ баргардонд, ки он аз тарафи нашриёти "Академнашр" ба чоп расид. Аз он тарҷума, фикр мекунам, бамаврид аст, як рубоиро ин ҷо алоҳида зикр кунем:

*Онро, ки ҳама бахти*
*расо ёвари ўст,*
*Андар ҳама кор*
*ҳимматаш раҳбари ўст.*
*Бар тоҷи шариф дурри*
*сахо гавҳари ўст,*
*Чун ҳимати ў асолати*
*ҷавҳари ўст.*

Аз осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам ин гуна абётро зиёд овардан мумкин аст:

*Ёре, ки кунад ба ёр*
*пайванд,*
*Нахли амалаш шавад*
*баруманд.*
*Ёр аст калиди ганҷи*
*уммед,*
*Ёр аст навиди айши*
*ҷовид.*

Чанд рўз пеш тарҷумаи филми бадеии "Илҳоқ", филми мустанади "Зери осмони ягона" ("Ягона осмон остида")-ро ба тоҷикӣ ба анҷом расонидам. Дар "Зери осмони ягона" коргардони машҳур Алӣ Ҳамроев гуфтааст, ки мардуми ноҳияи Исфараи Тоҷикистон хеле меҳмондўст мебошанд. Мо чандин филмро дар он ҷо ба навор гирифтаем. Маъмурияти "Тоҷикфилм" барои мо тамоми шароитро фароҳам мекард. Ман қабл аз ҳама ба зодгоҳи устоди кинои тоҷику ўзбек Комил Ёрматов – шаҳри Конибодом даромада, он ҷоро зиёрат мекардам. Кош, акнун низ ба Исфара рафта, филми ўзбекиро ба сурат гирему устодони кинои тоҷик дар бағалкўҳҳои вилояти Тошканд омада, асарҳои худро офаранд.

Имрўз ба забон бурдани чунин мисолҳо хеле ҳикматомез ва ибратбахшанд. Зеро ҷавонони ҳолоина бояд аз саҳифаҳои дурахшони таърихи дўстонаи мо воқиф бошанд. Нависандаи халқии Ўзбекистон Ҳамид Ғулом бо амри тақдир дар солҳои серташвиши 1938-1939 дар Душанбе кору эҷод кардааст. Бо кўмаки котиби Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров дар нашриёту рўзнома ва радиои ўзбекии Душанбе кор мекунад. Аз хавфу хатарҳои замона эмин мемонад. Адиб дар қиссаи ҳуҷҷатии зиндагии пурмазмунаш дар шаҳри Душанбе дар қиссаи ҳуҷҷатии "Роҳи тўлонии вафо" ("Вафонинг узун йўли") он даврро хеле мутаассир баён кардааст. Адиб соли 1938 ҳамчун шоҳид дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ташкил шудани шуъбаи адабиёти ўзбекро (маҷлиси таъсисиро раиси иттифоқ Мирзо Турсунзода бурдааст — **Ш.М.**) ба хотир овардааст: "Турсунзода ба забони тоҷикӣ "Дўстони азиз!" гўён сухан оғоз намуда дарҳол ба ўзбекӣ гузашт. – Азиз дўстлар! Ман дар Тошканд дар донишкадаи педагогии тоҷик таҳсил кардаам. Бо Ғафур Ғулом, Ойбек, Ҳамид Олимҷон бисёр мулоқот намудаам. Ғафурака гуфтаанд, ки "ўзбеку тоҷик аз шиками як модар ба дунё омадаанд". Дар асл ҳам моён – фарзандони як халқем, ҷигарбандони як Ватан ҳастем. Мисли дилҳоямон заминамон ҳам ба якдигар пайванд аст. Аз як дарё об менўшем...".

Ҳамид Ғулом дар суҳбатҳои шахсиятҳои бузург Ғафур Ғулом ва Садриддин Айнӣ борҳо бевосита иштирок карда, дар мақолааш зери сарлавҳаи "Солҳо, роҳҳо, устодон" ("Йиллар, йўллар, устозлар") ба ёд овардааст, ки "Ман ҳазлу мутоибаи ин ду нафар алломаро мушоҳида намуда, аз дўстии самимӣ, ҳазлу шўхиҳои беғаш ва ниҳоят, дар соҳаи илм меҳнат ва кашфиёти академикҳо, классикони адабиёти лозавол фахр намудам". Маълум аст, ки Мирзо Турсунзода достони Шароф Рашидов "Таронаи Кашмир"-ро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Раҳбари оқили Ўзбекистон адиби забардаст саҳми Мирзо Турсунзодаро дар мустаҳкам намудани риштаҳои дўстии халқҳоямонро алоҳида қайд карда, "ў на фақат Мирзои тоҷикон, балки Мирзои мо низ ҳаст", гуфта буд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар барномаи пеш аз интихоботиаш "усулияти ба роҳ мондани ҳамсоягии нек"-ро ҳамчун самти муҳими фаъолияташ муқаррар кард. Шукри беадад, ки раҳбари Ўзбекистон ба муддаои ду халқи бо ҳам бародар корҳои ҳамоҳангро анҷом медиҳад. "Мо барои мустаҳкам намудани пули дўстии байни халқҳои ўзбек ва тоҷик ҳаракатро аз таҳти дил оғоз намудем. Иншооллоҳ, ин ниятамон ёр гашта, ба мақсадҳои начибамон мерасем. Мо аз нуқтаи назари дўстӣ ва инсонгарӣ бо ҳамсояҳоямон ҳамеша дўсту бародар, ҳамкор ва муттафиқ хоҳем шуд", гуфта буд Шавкат Мирзиёев се сол муқаддам. Ташрифи сарвари мамлакат ба Душанбе таърихи 9-10-уми марти соли 2018 ва ташрифи ҷавобии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ўзбекистон дар роҳи мустаҳкамсозии равобити тарафҳо хеле самарбахш буданд ва умед мекунем, ки аз ташрифи навбатии Президенти кишварамон ба давлати ҳамсояву бародар натиҷаҳои шодибахш ба бор хоҳад овард.

**Шоҳаҳҳори МУҲАББАТЗОД**

# ОИД БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА НЕКЎАҲВОЛИИ МАРДУМ ВАЗИФАҲОИ ИЛОВАГӢ МУАЙЯН ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бинобар ин дар ҷамъомад механизмҳои нави дастгирии паррандапарварон муайян карда шуд. Ҳамин тариқ, ҳаҷми субсид барои истеҳсоли тухм 3 баробар, барои тайёр кардани гўшти парранда 2 баробар афзоиш хоҳад ёфт. Ба истеҳсолгарони озуқа ва маҳсулоти паррандапарварӣ қисми кредит барои сарпур намудани гардиши сармоявӣ ва татбиқи лоиҳаҳои паррандапарварӣ дар қисми беш аз ставкаи пойгоҳии Бонки марказӣ, ҷуброн хоҳад гардид.

Қисми харҷ барои лоиҳаҳо дар заминаи ба вуҷуд овардани маҷмўъҳои замонавӣ дар бобати таҳияи гўшти мурғ ҷуброн карда мешавад. Ставкаи андоз барои даромад, моликият, замин ва об барои корхонаҳои паррандапарварӣ 50 фоиз кам карда мешавад.

Давлат аз тариқи «Микрокредитбанк» 50 миллион доллар барои татбиқи лоиҳаҳои марбут ҷудо мекунад.

Ба шахсони соҳибмансаб дар бобати татбиқи ин имтиёзот, ҳамдастӣ ба корхонаҳо барои касби иқтидори пурра супоришҳо дода шуд.

Аҳамияти ташкили мини-инкубаторҳо ва яҳдонҳои нигоҳдорӣ дар маҳаллаҳо дар асоси шарикии хусусӣ, васеъ намудани парвариши парранда дар хонаводаҳо таъкид гардид.

Дубора ташкил намудани фаъолияти институти илмиву тадқиқотии чорводорӣ ва паррандапарварӣ, ба вуҷуд овардани зотҳои паррандаҳои ба маҳал мутобиқ вазифа гузошта шуд. Барои таъмини институт бо таҷҳизоти ногузир ва овардани зотҳо барои наслгирӣ 10 миллиард сўм ҷудо карда мешавад.

Чорабиниҳо доир ба афзудани истеҳсоли гўшт аз ҳисоби ба кор андохтани беш аз ҳазор лоиҳа дар соҳаи чорводорӣ ва 317 лоиҳа дар соҳаи моҳипарварӣ баррасӣ гардиданд.

Имсол бо назардошти норасоии интизории об 200 миллиард сўм барои чоҳканӣ ҷудо карда мешавад. Аз ҳисоби ин маблағ ба роҳ андохтани парвариши маҳсулоти хўрока дар на камтар аз 10 ҳазор гектар замин имконпазир аст.

Дар ҷамъомад ҳокимон бобати чорабиниҳо доир ба кам намудани бекорӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини суботнокии нарх маълумот доданд.

**ЎзА.**

# ҚАДАМҲОИ ҚАТЪИИ ҶУМҲУРӢ ДАР РОҲИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ НЕРЎИ БАРҚ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Нуктаи муҳиме, ки директори генералии нерўгоҳ зикри онро бамавқеъ шуморид, ҳамин аст, ки тамоми корҳо бар асоси фармойиш ва қарорҳои Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев сурат гирифтаанд ва ҳадафи асосӣ аз судури он тавсеа додани фаъолияти ҶС "Нерўгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон"-ро дар меҳвари худ қарор додааст.

– Фармойиш "Дар бораи чораҳои пешакии татбиқи лоиҳаи инвеститсионии васеъ намудани маркази барқи ҳароратии Талимарҷон бо сохтани ду агрегати буғиву газӣ бо иқтидори умумии на камтар аз 900 МВт" аз 1 августи соли 2018 ва қарор "Дар бораи чораҳои татбиқи Барномаи инвеститсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои солҳои 2020-2022" аз 1 январи соли 2020 маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааанд.

Ҳамчунин Олим Юсупов таваҷҷўҳро ба қарори Президенти мамлакат "Дар бораи тавсеаи нерўгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон бо бунёд намудани ду блоки буғӣ ва газӣ бо иқтидори умумии на камтар аз 900 МВт" аз 18 декабри соли 2020 низ ҷалб намуда, тавзеҳ дод, ки маҳали сохтумони нерўгоҳе, ки гурўҳи журналистони маҳалливу хориҷӣ ва блогнависон аз он боздид мекунанд, як замон дашти холӣ буд. Аммо ҳоло чунин як корхонаи бузурги тавлиди барқ он ҷо бунёд ёфтааст.

– Барои арзи вуҷуд намудани чунин як нерўгоҳи барқи ҳароратии қавӣ ниҳодҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ сармоя ворид намуданд. Арзиши умумии лоиҳаи он баробари 944,87 миллион доллари амрикоӣ мебошад. Аз ин миқдори маблағ 450 миллион доллар ба Бонки рушди Осиё, 237,6 миллион доллар ба Бонки эҳё ва рушди Аврупо тааллуқ дорад. Аммо 94,3 миллион доллар Хазинаи эҳё ва рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон пардохт намуд, – гуфт директори генералии "Нерўгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон".

Дар ҷараёни суҳбат боз таъкид гардид, ки бо илова намудани блокҳои 2-юм ва 3-юм кор ба давраи ниҳоии ҳуд намерасад. Бонки рушди Осиё тендерҳои байналмилалӣ эълон кардааст ва дар айни замон 6 ширкати бонуфуз барои ширкат дар он майлу рағбат зоҳир намудааанд.

– Мо ба кор андохтани блокҳои 4-ум ва 5-умро барномарезӣ кардаем. Агар ин блокҳо ба кор дароянд, қуввати истеҳсол намудани нерўи барқ аз 1700 МВт соат ба 2600 МВт соат боло меравад. Ин чунин маънӣ дорад, ки миқдори умумии солонаи тавлиди нерўи барқи ин нерўгоҳ боз 7,2 миллиард кВт соати иловагиро ташкил хоҳад кард. Дар ҳамин ҳол мо тавонистем, ки гази табииро ба маблағи умумии 32,3 миллион доллари амрикоӣ камтар истифода кунем, – мегўяд Олим Юсупов.

Ноиби директори генералии ин нерўгоҳ Раҳматулло Қодиров ба журналистону блогнависон дар бораи он ҳарф зад, ки тамоми корҳо автоматӣ ичро карда мешаванд. Меҳнати дастии ягон нафар аз кормандони он, ки теъдоди умумии онҳо 1 ҳазору 200 нафарро ташкил менамояд, барои истеҳсоли нерўи барқ истифода намешавад.

– Корҳои мо бар асоси барномаҳои компютерӣ роҳандозӣ шудааанд. Дар блоки 1-ум деги бухор мониторинг карда мешавад. Равандҳои ин кор бар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳти назорат қарор дорад. Дар солҳои охир тамоми ҷидду ҷаҳди мо ба он равона шудааст, ки муҳити атроф аз ҳисоби гази хоричшуда чандон зарар набинад, – қайд намуд Раҳматулло Қодиров.

Вай ба суоли он ки инвесторҳо пеш аз маблағгузорӣ дар назди онҳо кадом шартҳои асосиро гузоштаанд, чунин посух дод:

– Барои инвесторҳои хориҷӣ пеш аз ҳама пиёда кардани масъалаҳои иҷтимоӣ муҳиманд. Яъне ташкили марказҳои бепули омўзишӣ барои ҷавонон, беҳтар намудани шароити кору фароғати кормандони нерўгоҳ, таъмини баробарии гендерӣ ва амсоли он аз ҳамин шумор мебошанд. Сониян, инвесторҳо бояд эътимоди қавӣ ҳосил кунанд, ки маблағҳои сарфнамудаашон ҳатман самараву натиҷаи нек ба бор хоҳад овард, – гуфт Раҳматулло Қодиров.

Вай афзуд, ки пеш аз ворид кардани сармояҳои ҳуд намояндагони бонкҳое, ки хосатан дар бунёди "Нерўгоҳи барқи ҳароратии Талимарҷон" саҳм гузоштааанд, ба Ўзбекистон ташриф овардааанд. Онҳо танҳо баъди омўзишу таҳқиқ ва маслиҳату машварат тасмими ниҳоии ҳудро дар мавриди ворид намудани он сармояҳо эълон кардаанд.

– Вазифаи асосии корхонаи мо танҳо тавлиди нерўи барқ аст. Ин нерўи барқ ба системаи умумие, ки дар мамлакати мо муқаррар шудааст, интиқол дода мешавад ва аҳолии чаҳор гўшаи ҷумҳурӣ аз он баҳраманд мешаванд. Табиист, ки мо аз ҳарчи бештар ба фурўш рафтани нерўи барқи истеҳсол намудаамон манфиатдорем.

Ёдовар мешавем, ки дар замони шўравии собиқ шабакаи умумии барқ мавҷуд буд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ мисле, ки аз як чашма об мехўранд, аз нерўи барқ низ бо ҳамин усул истифода мекарданд. Дар ин авохир ташаббуси эҳё намудани чунин системаи кор дар миён гузошта шудааст.

– Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев маҳз дар ин маврид ташаббусро ба даст гирифтааст. Агар дар Осиёи Марказӣ ҳамон усул эҳё гардад, аз он ҳамаи кишварҳои минтақа манфиат хоҳанд дид, – иброз намуд Олим Юсупов.

Татбиқи лоиҳаи инвеститсионии хати ҳавоии 500 киловатии Суғдиёна ва дастгоҳи кушоди тақсимкунандаи 500 киловатӣ дар ҶС "НБҲ Талимарҷон" мавриди корбаст қарор дода шудааст. Арзиши умумии он бештар аз 188 миллион доллари амрикоиро ташкил мекунад. Корҳои асосии сохтумону монтажи он ҳанўз солҳои 2011-2013 шурўъ шудааанд, аммо насби дастгоҳҳо то ба охир расонида нашудааанд.

Тўли умумии ин лоиҳа 218 километрро ташкил намудааст ва 560 дона пояҳои сементӣ насб карда шудааанд. Ин лоиҳа марбути "Шабакаҳои барқи миллии Ўзбекистон" мебошад. Дар доираи Барномаи инвеститсионӣ дар истгоҳҳои барқи "Қаршӣ", "Самарқанд", "Каттақўрғон", "Химия", "Бухоро", "Навоӣ" ва "Кўкдала" як қатор корҳои тармим ва иваз намудани дастгоҳҳои наву замонавӣ анҷом дода шудааанд.

Дар ҳамин ҳол корҳои иваз намудани дастгоҳҳои кўҳнаву фарсудаи истгоҳҳои "Коракўл" ва "Ғузор" ба дастгоҳҳои наву замонавӣ бо суръат идома доранд. Гуфта мешавад, ки дар моҳҳои наздик ҷамъи ин корҳо ба субут мерасанд.

Ногуфта намонад, ки дар баробари нерўгоҳҳои барқи обӣ ҳашт нерўгоҳи барқи ҳароратӣ корхонаҳо ва мардуми мамлакатамонро мунтазам бо барку равшанӣ таъмин мекунанд. Ин нерўгоҳҳо дар Талимарҷон, Ангрен, Тошканд, Турақўрғон, Навоӣ, Сирдарё ва Тахиатош бунёд карда шудааанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири махсуси "Овози тоҷик".**

*ТОШКАНД – ТАЛИМАРҶОН – ТОШКАНД.*

*Дар деҳаи Уйғури ноҳияи Поп низ дарави ғалла авҷ гирифтааст. Гирифтани 300 тонна дон аз 49,7 гектар майдони хоҷагии фермерии «Файз Барака Уйғур» мавриди назар мебошад. Комбайнҳои «Клаас» рўзе 120 тоннагӣ ҳосил ҷамъ меоваранд.*

*– Хоҷагии фермериамон ба рўёндани пахта ва ғалла ихтисосонида шуда, дар 80 гектар майдон кишоварзӣ мекунем, – мегўяд роҳбари хоҷагӣ Камолиддин Ниёзов. – Дар тасарруфамон шаш техника мавҷуд. Коргарҳо – 30 нафар. Ҳосилнокӣ табъи дил мебошад. Дар ҳамин суръат кор кунем, дар се рўз даравро ба охир мерасонем.*

*Соли ҷорӣ дар ноҳия аз ҷониби 322 хоҷагии фермерӣ дар 10490 гектар майдон ғалла парвариш ёфт. 31 комбайни ғалладарав, 165 адад техникаи боркашон дар ғунучин мавриди истифода аст.*

***Дар сурат:*** *дар ғаллазори хоҷагии фермерии «Файз Барака Уйғур»-и ноҳияи Поп.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# ҚАДАМҲОИ УСТУВОРОНАИ ҒАЛЛАПАРВАРОН

Имсол ғаллапарварони вилояти Бухоро ба мавсими дарав тайёрии пухта диданд. Дар ҳамаи 60,6 гектар ғаллазори 2926 хоҷагиҳои фермерии вилоят ҳосили дилхоҳ фароҳам омад. Мақсади асосӣ ҷамъоварии 363600 тонна ҳосил буда, нисфи он ба ҳисоби ҳуди хоҷагиҳои фермерӣ мемонад. Имрўз дар вилоят 197 отряди ғалладаравӣ созмон ёфта, ба он 960-то автомобили боркашон, 44 устохонаи сайёри таъмиркунию нақлиёти таъминоти сўзишворӣ шомил гаштааст. Дар вилоят ҳар сол дарави ғалла аз ноҳияи Қаравулбозор ибтидо мегирифт.

Имсол бо назардошти як қатор омилҳо ин тартиб тағйир ёфт, яъне ҷамъоварии ҳосил аз ноҳияи шимолии вилоят – Шофиркон оғоз меёфтагӣ шуд. Ба ин муносибат дар хоҷагии фермерии фотеҳони дашт – «Азим – Шофиркон юлдузи» (роҳбараш Қаҳрамони Ўзбекистон Азим Латифов) бо сарварии ҳокими вилоят Ботир Зарипов семинари вилоятӣ ба амал омад. Ҳамин тариқа, дар вилоят мавсими дарави ғалла дар се баст вусъат меёбад.

### Аввалин дар вилоят

Ғаллапарварони ноҳияи Қарокўл имсол дар 5626 гектар майдон гандум корида, ният доранд, ки ба давлат 10620 тонна ғалла супоранд. Дар натиҷаи ба роҳ мондани тадбирҳои саривақтии сифатноки агротехникӣ ва бо мақсади дар муддати кўтоҳ ҷамъоварӣ намудани ҳосил отрядҳои дахлдор созмон ёфтааанд. Ин боиси комёбиҳо мегардад. Аз ҷумла, меҳнатдўстони хоҷагии фермерии «Умархўҷа»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Дарғалии ноҳия (роҳбараш Акмал Бозоров) дар вилоят аввалин да ба марраи мурод расиданд. Деҳқонони ҳиммтбаланд ба ҷои 57 тонна ба давлат 63 тонна гандум супорида, нақшаи солонаро 111 фоиз ичро карданд. Дар ноҳия дарави ғалла авҷ мегирад.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик», вилояти Бухоро.**

# ПОСИ ХОТИРИ ОЛИМ

Шофирконро беҳуда маскани олимон намегўянд. Аз ин ҷо академикҳо, даҳҳо профессору докторҳо, садҳо дотсенту номзадҳои илм ба воя расидаанд. Ба ду академики ин сарзамин олими файласуф Иброҳим Мўъминов ва олими адабиётшинос Тўра Мирзоев лозим омадааст, ки солҳои гуногун чун ноиб-президенти АИ Ўзбекистон фаъолият нишон диҳанд. Яке роҳбарии Институти фалсафа ва ҳуқуқ, дигаре сарварии Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи А. Навоии АИ Ўзбекистонро ўҳдадорӣ кардааст. Адабиётшиноси шинохтаи шофирконӣ, профессор Иброҳим Ҳаққул аз ҷумлаи шогирдони Тўра Мирзоев ба шумор меравад.

Шанбеи гузашта дар маркази ахбор-китобхонаи ноҳияи Шофиркон тадбири баамаломада ба хотираи неки фолклоршинос Т. Мирзоев дахл дошт.

Аз ҷумла таъкид ёфт, ки ў муаллифи бештар аз 600 кори илмӣ, услубӣ ва илмию оммавӣ буда, 5-тои он монография, 5-тояш китоби дарсию дастурамал ва 45-тоаш маҷмўаи фолклорӣ мебошанд. Чанде аз онҳо дар Русия, Олмон, Туркия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон ва мамлакатҳои дигар интишор ёфтааанд. Таҳти роҳбарии академики шодравон, соҳиби мукофоти давлатии ба номи Берунӣ Тўра Мирзоев 24 нафар сазовори рутбаи илмии номзади илм ва 7 нафар соҳиби унвони доктори илм шудааанд.

Бо мақсади пос доштани хотири олим ба маркази ахбор-китобхонаи ноҳия номи Тўра Мирзоев гузошта шуд.

**(Мухбири худамон).**

Баъди мутолиа

# «САҲАРГАҲ ХАНДА РЕЗАД АЗ ЛАБИ ГУЛ...»

Дар Самарқанд шоире ҳаст. Шоире, ки дилаш танҳо бо ишқи Ватан зинда аст. Мазмуни зиндагӣ барои вай танҳо ҳамин диёри офтобӣ, замини ҷаннатмакон ва меҳани азиз мебошад. Вақте бо вай суҳбат мекунед, пай мебаред, ки дигарон мазмуни муқаддас будани Ватанро ҳанӯз дарк накардаанд. Дар як шеъраш ӯ мегӯяд:

*Қасам бар Самарқанди ҷонам, қасам,*
*Ки фарзанди содиқу мардаш манам!*
*Начӯед, азизон, дигар гӯри ман,*
*Намирам зи ишқи Ватан ҳеҷ ман...*

Дар ҳақиқат, ӯ фарзанди содиқу марди Самарқанд аст. Хонанда вақте ин мисраъҳоро мехонад, онҳоро ба Ҳабиб Юсуфӣ нисбат медиҳад. На... Ин маҳсули қалами шоири самарқандӣ, Баҳодури Убайдуллоҳ (Раҳмонов) аст, ки бахшида ба 105-солагии шоири ватандӯст Ҳабиб Юсуфӣ навиштааст.

Баҳодури Убайдуллоҳ аз овони мактабхонӣ ба шеърнависӣ шурӯъ кард. Ҳар як шеъри тозаэҷодаш аз назари падари нуктасанҷу донишманд, шодравон Убайдуллоҳ Раҳмонов мегузашт. Падари шоир аз ӯ мехост, ки танҳо ҳақиқатро нависад, ростгӯй бошад.

Яке аз мақмӯаҳои шеърии шоир – “Ватани бахт” соли 2019 интишор гардида, ба зудӣ аз ҷевони китобхонҳо ҷой гирифт. Зеро, навиштаҳояш бо забони содда эҷод шудаанд. Хонандагон ҳангоми мутоила ба мушкилеро рӯ ба рӯ намеоянд ва барои худ олами наве пайдо мекунанд.

*Саҳаргаҳ ханда резад аз лаби гул,*
*Бирақсад шохи гул амсоли кокул.*
*Дар ин дунёи бегаҳсурати кулл,*
*Наҳори зиндагонӣ ҳам ғанимат.*

Дар ин шеър шоир тасвири зебоеро рӯйи коғаз оварда, аввали умри одамиро ба саҳаргоҳи пуртароват монанд мекунаду дар ниҳоят, ғанимат будани рӯзу шабҳои зиндагониро таъкид менамояд. Аз машаққатҳои ҳаёти пуршебу фароз ҳарф мезанад. Ӯ дар шеъри “Ба савдогарони одам” хислатҳои бади одамҳои имрӯзаро бо маҳорат фош мекунад ва ишора менамояд, ки чунин хислатҳои зишт умри тӯлонӣ надоранд. Дар байти охирин шоир нафрати худро нисбат ба хоинони Ватан изҳор кардааст:

*Дар хок монад бекафан фарди хиёнаткори халқ,*
*Савдогарони беватан, меҳанфурӯшӣ то кучо?*

Дар баробари ин гуна шеърҳои саршор аз меҳри меҳану халқ, дар дафтари шеърҳои шоир ошиқонаҳо ҳам пайдо мешавад. Мисли шоирони дигар дар ӯ сархушӣ аз май, ё девонагиҳои барзиёд нест. Дар ошиқӣ низ ӯ ба иродаву шуури инсонӣ такя мекунад.

Баҳодури Убайдуллоҳ на танҳо дар навиштани шеърҳои суннатӣ, балки эҷоди шеърҳои нимоӣ низ маҳорат дорад. Мусоҳиб бо ӯ дар кадом мавзӯъ сӯҳбат накунад, як байти обдор ё аз Ҳофиз, ё аз Ҳилолӣ, ё аз Лоиқ, ё аз Симини Беҳбаҳонӣ ва ё дигар бузургон пешкаш менамояд, ки ин боиси рушди маънавии тафаккури ҳамсуҳбаташ мегардад.

Дар мақмӯаи “Ватани бахт” ғазалҳои шоир таҳти унвони “Девони дил”, рубоӣ ва дубайтиҳояш бо номи “Шоҳроҳи Хайём” ба хонанда пешниҳод гардидаанд. Ӯ дар эҷоди рубоӣ ба дунболи Хайём меравад:

*Бо ном ба даҳр омада бе ном равем,*
*Аз пеши ҳама пухтасарон хом равем.*
*Авзои ҷаҳон бигуфта бо байте ду,*
*Сармаст зи бода ҳамчу Хайём равем.*

Ё:

*Қонуни ҳаёт аст: ҷавон пир шавад,*
*Ин умри азиз бигзарад, охир шавад.*
*Имрӯз ғанимат бишумар ҳар нафасе,*
*Фардо чу шавад, хок шавӣ, дер шавад.*

Мавзӯи ғазалҳои шоир низ рангоранг буда, аз тасвиру маъниҳои зебо саршоранд.

Баҳодури Убайдуллоҳ аз шоирони навқалам маслиҳатҳои худро дареғ намедорад. Ба онҳо то қадри имкон роҳнамоӣ мекунад.

Аз шоир мо шеърҳои тару тоза интизорем.

**Шаҳзод КЕНҶАЕВ,**
*шаҳри САМАРҚАНД.*

## Маъвои умумии мо!

***Шиори мазкур дар худ маънии бузургеро дорад, ки ҳар шаҳрванди Ӯзбекистон баробари дарк намудани он бо хонаи худ ифтихор мекунад.***

# ЧОРАБИНИИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ

Таҳти ин шиор дар тамоми гӯшаю канори мамлакатамон бо ташаббуси Кӯмитаи алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хоричӣ ва муносибатҳои байни миллатҳои назди Девони Вазирон ва марказҳои миллӣ-мадании кишвар чорабиниҳои адабию бадеӣ ва фарҳангӣ баргузор мегарданд.

Дар саҳни мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 43-юми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Навобод”-и ноҳияи Бӯка низ бахшида ба 30-юмин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон чорабинии адабию бадеӣ ва фарҳангӣ таҳти унвони “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо” баргузор гардид.

– Мардуми деҳаи Навободро имрӯз дар ноҳияи Бӯка хеле ҳурмат мекунанд. Урфу одат, анъана ва нону хӯрокҳои миллӣ, аз ҷумла рақси миллии халқи тоҷиктабори деҳа “Остин” ба худ хос аҷоиботе дорад, – мегӯяд Ӯ.Ҷиянбоев. – Мо мехоҳем дар ноҳияи Бӯка қатори халқҳои қирғизу қазоқ низ як бахши маркази миллӣ-маданӣ тоҷиконро боз кунем. Ва имрӯза чорабиние, ки аз ҷониби бошандагони деҳа баргузор гардид, хеле хуб буд.

Дар саҳни тадбир занону гулдухтарони деҳа ҳунарҳои мардумӣ, меҳнати дастӣ, қуроқу гулдӯзӣ ва дигар матоъҳои ифодакунандаи анъанаҳои миллиро ба намоиш гузоштанд. Чорабинии адабию фарҳангии “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо” бори дигар дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро тараннум намуд ва ба иштирокдорони чорабинӣ, намояндагони ҳокимияту идораҳои ноҳиявӣ писанд буд.

**Меҳровари ҚОДИР.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

# МАТНИ “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ” БА НАСР

### Хоҷаро мол асту молаш айбпӯш

Ҳар калимае, ки тавонгареро мадҳ аст, дарвешеро сарзанишу накӯҳиш аст – агар дарвеш далер шавад, бар ҳумқу (аҳмақӣ) шармандагӣ афтад ва агар саховат варзад ба исрофкорӣ мансубаш кунанд ва агар дар изҳори ҳилм (меҳрубонию бурдборӣ) кӯшад, ӯро заиф шумаранд ва агар ба виқор (шаҳомату салобат) гарояд, коҳилаш хонанд ва агар забоноварӣ ва фасоҳатгӯй намояд, бисёргӯй номаш ниҳанд ва агар ба маъмани (амнгоҳи) хомӯшӣ гурезад, нодону фурӯмонда аз ҷавобу далелаш хонанд:

*Хоҷа дар айб аст ғарқа то ба гӯш,*
*Хоҷаро мол асту молаш айбпӯш.*
*В-ар гадо гӯяд сухан чун зарри кон,*
*Раҳ наёбад колааш дар бӯстон.*

**Ёддошт:** Насруллоҳи Муншӣ низ дар “Калила ва Димна” ин ҳикматро нақл кардааст.

### Гуфт: “Хомуш, чун ту Маҷнун нестӣ!”

Халифаи вақт рӯзе бо тамасхур ба Лайлӣ рӯ оварда мегӯяд: “Магар ту он астӣ, ки Маҷнун аз оташи сӯзони ишқи ту парешону ғавӣ (гумроҳ) шудааст?... Ҳусну ҷамоли ту аз ҳусну ҷамоли дигар хубон афзунтар нест, пас чӣ тавр Маҷнунро ошиқи содиқи худ гардондаӣ? Лайлӣ дар посух мегӯяд: “Хомӯш бош, чун ту Маҷнун нестӣ!”:

*Гуфт Лайлиро Халифа, к-он тувӣ,*
*К-аз ту Маҷнун шуд парешону ғавӣ?*
*Аз дигар хубон ту афзун нестӣ,*
*Гуфт: “Хомуш, чун ту Маҷнун нестӣ!”*

**Ёддошт:** ҳамсони ин достонро дар “Рабиъ-ул-аброр”-и Замахшарӣ, “Мусибатнома”-и Аттор ва низ дар “Гулистон”-и Саъдӣ метавон дарёфт.

Дар девони Ваҳшии Бафқӣ ин достон бадин сурат назм шудааст:

*Ба Маҷнун гуфт рӯзе айбҷӯе,*
*Ки пайдо кун беҳ аз Лайлӣ накӯе.*
*Ки Лайлӣ гарчӣ дар чашми ту ҳурест,*
*Ба ҳар узве аз аъзояш қусурест.*
*Зи ҳарфи айбҷӯ Маҷнун барошуфт,*
*Дар он ошуфтагӣ хандон шуду гуфт:*
*“Агар бар дидаи Маҷнун нишинӣ,*
*Ба ғайр аз ҳусн дар Лайлӣ набинӣ.*
*Касеро, ки ту “Лайлӣ” кардаӣ ном,*
*На он Лайлист, к-аз ман бурда ором”.*

### Мевае, ки мурда бад-он зинда шавад

Дар билоди Аҷам овозае бархост, ки дар Ҳиндустон дарахтест, ки ҳар кӣ аз меваи он хурад, на пир мешавад ва на мемурад:

*Ҳар касе, к-аз меваи он хӯрд, бурд,*
*Не шавад ӯ пиру не ҳаргиз бимурд.*

Подшоҳе аз марди содиқе ин шойиа (овоза)-ро мешунавад ва бар он дарахту меваш ошиқ мешавад.

*Подшоҳе ин шунид аз содиқе,*
*Бар дарахту меваш шуд ошиқе.*

Подшоҳ қосиди ҳушёру доноеро бармегузинад ва бобати пайдо кардани он дарахту меваш ба Ҳиндустон мефиристонад. Қосиди бечора дар ҷустуҷӯйи он дарахт соле чанд шаҳр ба шаҳру деҳ ба деҳ, водӣ ба водиву кӯҳ ба кӯҳ гаштугузор мекунад ва ба ҳар касе, ки матлабашро арз кунад, ба ӯ ришханд мезананд ва Маҷнуну девонааш мепиндаранд:

*Шаҳр-шаҳр ӯ аз пайи матлуб гашт,*
*Не ҷазира монду не кӯҳу на дашт.*
*Ҳар киро пурсид, кардаш ришханд,*
*К-ин начӯяд, ҷуз магар Маҷнуни банд...*

Билохира навмед гашт ва азми бозгаштан ба пеши шоҳ намуд. Ашк мебориду роҳ мебубрид ва намедонист, ки ба шоҳ чӣ посухе дар мавриди он дарахт бидиҳад. Иттифоқан дар роҳ ба бараҳмане (сӯфии ҳиндманише), ки Шайхе олим ва Қутбе карим буд, дучор омад ва қиссаи яъсу навмедии худро аз аввал то ба охир ба ӯ арза дошт:

*Рафт пеши Шайху бо чашме пуроб,*
*Ашк меборид монанди саҳоб.*
*Гуфт: “Шайхо, вақти раҳму рофат аст,*
*Ноумедам, вақти лутф ин соат аст.*
*Гуфт: “Во гӯ, к-аз чӣ навмедистат?*
*Чист матлуби ту, рӯ бо чистат?”.*

Қосид гуфт: “Шоҳаншоҳ маро баргузид ва барои пайдо кардани дарахте, ки хӯрдани меваи он ба инсон умри ҷовидон мебахшад, ба ин ҷо фиристод, то шохсорону меваҳои он дарахтро ба пеши ӯ бубарам. Ҳарчанд ҷустуҷӯ кардам, аз он дарахт ному нишоне наёфтам. Чун аз мардум нишони он дарахтро суроғ мекардам, ҷуз танзу сухра (масхара) ба ман посухе намедоданд?

*Солҳо ҷустам, надидам з-ӯ нишон,*
*Ҷуз, ки танзу сухраи ин дилхушон.*
*Шайх хандаду бигуфташ: эй салим,*
*Ин дарахти илм бошад дар алим.*
*Ту ба сурат рафтаӣ, эй бехабар,*
*З-он зи шохи маънии бе бору бар.*
*Ту ба сурат рафтаӣ, гум гаштаӣ,*
*З-он намеёбӣ, ки маънӣ ҳиштаӣ.*

Ва Шайх афзуд: Ин сухан аз боби рамзу роз ва ишорати гузаштагон аст – аз кӯҳҳо донишмандонро хостаанд ва аз доруҳо сухани эшонро ва аз мурдагон ҷоҳилонро, ки ба шунидани суханони олимон зинда гарданд ва ба шарофату нерӯйи дониш ҳаёти абадӣ ёбанд. Илмро гоҳ дарахти пурмева хондааанду гоҳ офтоби зарринтоб, гоҳ баҳраш номидаанду гаҳ саҳоб. Он (илм) якест, вале ҳазорон-ҳазор осори начибу босамар аз ӯ бармехезад ва камтарин хосияти неки дониш бақои умри инсон аст:

*Гаҳ дарахташ ном шуд, гаҳ Офтоб,*
*Гоҳ баҳраш ном шуд, гоҳе саҳоб.*
*Он яке, к-аш сад ҳазор осор хост,*
*Камтарин осори ӯ “Умри бақо”-ст!*

**Ёддошт:** Насруллоҳи Муншӣ низ дар “Калила ва Димна” ин достонро бо андаке тағйироти дилнишин аз забони ҳайвонот нақл кардааст.

Баргардониши **Файзҳоҷа МАҲМУД.**

*Дар шаҳри Тирмиз маросими ботантанаи кушоиши маркази дилхушкунандаи «ICEBERG» баргузор гардид, ки майдони сунъии яхӣ буда, болояш пӯшонда шудааст. Маҷмӯъ таҳти супориши Президент аснои сафараш ба вилояти Сурхондарё дар таъриҳи 17-18 октябри соли 2019 барпо гардид. Барои дар ҳалқаи дӯстон ва аъзои оила истироҳати бофароғат сохтан дар ин ҷо кулли шароит муҳайёст.*

***Дар сурат:*** *дар маркази дилхушкунандаи «ICEBERG» воқеъ дар шаҳри Тирмиз.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# ҚАДРИ МЕҲНАТИ ФАРРОШЗАНОН

Мактаб даргоҳест муқаддас. Дӯст доштану ҳифз намудан, тозаю озода нигоҳ доштани ин муқаддасот вазифаи ҳар як фарди солимақл аст. Зеро ороста будани мактаб барои таълиму тарбияи насли наврас низ ҳамеша нақши муҳиме мебозад.

Дар мактаби таълими умумии рақами 52-юми ноҳияи Сариосиё гувоҳи ин гуфтаҳо шуда метавонед. Зеро мактаби мазкурро ҳамеша дар ҳолати тозаю саранҷом дидан мумкин аст. Фаррошони меҳнатқарини ин даргоҳи таълим шахсони ба касби худ содиқу вафодор: Салима Ибодуллоева, Гулбаҳор Сирочиддинова, Райҳона Сайриддинова, Гулиасал Холмуродова, Муродбибӣ Шарипова, Мафтуна Ортиқова ва Дилноза Турсунова бо роҳбарии мудири хоҷагӣ Абдусаттор Қурбонов ҳамеша барои тозаю озодагии мактаби мо камарбастаанд.

Бо вуҷуди он ки синфхонаҳою бинои мактабро таҳтидилӣ рӯбучин менамоянд, дар мавридҳои дигар дар боғчаи наздимактабӣ низ меҳнати беандоза доранд.

Ҳар шахсе, ки ба мактаби таълими умумии мо меҳмон мешавад, албатта ба меҳнати содиқонаи фаррошони ин даргоҳ аҳсант мегӯяд. Ба ин хотир, ман низ ҳамчун як нафар аз омӯзгорони мактаб ба ин бонувони меҳнатдӯст чунин гуфтанам:

– Офарин ба шумо бонувони меҳнатдӯсту ба касби худ содиқ. Ба ҳамаи шумо ташаккури бепоёни худро изҳор менамоям. Зеро меҳнати пурмашаққати шумо барои дар ҳама ҳолат тозаву озода нигоҳ доштани ин даргоҳи таълим хеле муҳим аст. Меҳнати софдилонаи шумо рӯсурхии аҳли ҷамоаи мост.

Дастатон дардро набинад, фидоиён!

**Гулнора САЪДУЛЛОЕВА,**
**омӯзгори мактаби рақами 52-юми ноҳияи Сариосиё.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## ХАБАРҲО

### Нақши идораҳои суду ҳуқуқ дар баробарии гендерӣ

***Бахшида ба масъалаи нақши мақомоти ҳуқуқ дар масъалаи баробарии гендерӣ бо кӯмаки Агентии рушди байналхалқии ИМА ва Барномаи рушди СММ оиди лоиҳаи ҳамкориҳо дар роҳи устувории қонун дар Ӯзбекистон семинар-тренинг баргузор гардид. Дар чорабинӣ устодону профессорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд иштирок намуданд.***

Яке аз омилҳои асосии осудагӣ ва барқарории иҷтимоӣ дар ҷамъият таъмини баробарҳуқуқии мард ва зан дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, гуфта шуд дар анҷуман. Стратегияи ноил гардидан ба баробарии гендерӣ дар Ӯзбекистон то соли 2030-юм кор карда бароварда ва тасдиқ ёфтааст. Тамоми самтҳои ин ҳуҷҷат ба талаботи Рушди барқарори СММ ҳамоҳанг мебошанд.

Дар тадбир масъалаҳои баробарии гендерӣ дар ба амал баровардани суди одилона, мавқеи доворон дар ин ҷараён, таҷрибаи Ӯзбекистон бобати баланд бардоштани мавқеи занон дар сохтори суд, бартарафсозии беписандиҳои гендерӣ мавқеи муҳокима қарор гирифтанд. Баромадҳо оиди стандартҳои байналхалқӣ ва қонунгузории миллии гендерӣ, амалиёти байналхалқӣ доири баробарии гендерӣ, мақомоти СММ оиди ҳуқуқи инсон баробари экспертҳо ва мутахассисони байналхалқӣ аз ҷониби донишҷӯёни ДДҲТ низ баррасӣ ёфтанд.

### Имтиёз ба абитуриентҳо

***Маълум, ки барои ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шудани духтарон аз оилаҳои эҳтиёҷманд як қатор имтиёзҳо фароҳам оварда шудаанд. Соли гузашта дар ин самт 940 адад гранти иловагӣ ҷудо гардид.***

Президент дар Муроҷиатномааш ба Олий Мақлис зарурати ба 2 ҳазор адад расондани грантҳоро таъкид сохта буд. Марбут ба додани тавсияҳо ба духтарони оилаҳои эҳтиёҷманд дар иштирок ба озмун ва тартиби қабули онҳо ба муассисаҳои таълими олӣ 23 июни соли 2020 қарори Девони Вазирон қабул гашт. 3 июни соли равон дар ин масъала Девони Вазирон ҳуҷҷати нав ба имзо расонд, ба қарори порсола дигаргунӣ ва иловаҳо ворид гардиданд.

Ба онҳое, ки дар ин бобат муроҷиат намуданианд, сохтори иттилоотии реестри ягонаи ҳифзи иҷтимоии Бунёди пенсияи берун аз буҷа кӯмак мерасонад. Духтарбачаҳо аз оилаҳои камбизоат, ногироҳо, занҳои танҳое, ки ду фарзанди ба воя нарасида доранд, оилаҳое, ки фарзандони ногиро доранд, аз имтиёзҳо истифода бурда метавонанд.

Вазорати маҳалла ва дастгирии оила бахшида ба ҳамин мавзӯъ ҷамъомад доир сохт. Қарори нави Девони Вазирон дар ин бобат муфассал шарҳ ёфт.

### Тухфаҳо ба бонувон

***Дар ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба 216 нафар бонувоне, ки ба «дафтари занон» ва «дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, мошини дарздӯзӣ супурда шуд.***

Ин кор дар таъмини бонувон бо шуғл то андозае чун восита хидмат мекунад, гуфт ҳокими ноҳия З.Алиқулов зимни чорабиние, ки ба ин муносибат рӯйи кор омад. Айни замон ба 100 нафар заноне, ки бо пазандагӣ машғуланд, дар асоси субсид печҳои барқӣ тухфа карда шуд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

9-уми июн – Рӯзи байналхалқии бойгонӣ

# БЕ «ҲУҶҶАТ» СУХАНАТ АСАР НАДОРАД

Солҳои охир дар шаҳраки Гулободи ноҳияи Самарқанд бисёр иншооти хушсохту зебо, дилнишину замонавӣ қад афрохтанд. Дар яке аз онҳо идораи давлатии бойгонии байниноҳиявӣ ҷойгир аст. Ҳавлии он аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб серодам мебошад. Қариб бист нафар ходимон корафтодагонро қабул карда, мушкили онҳоро ҳал мекунанд.

– Мо натанҳо ба мардуми ноҳияҳои Ургут, Самарқанд ва Тайлоқ, балки ба муроҷиаткунандагон аз дигар вилоятҳои Ӯзбекистон низ хидмат мекунем, – мегӯяд мудири архив Дилшодҷон Маъмурович. – Зеро дар ҷевонҳо ҳуҷҷатҳои корхонаву ташкилотҳо аз соли 1919 то соли 2018, яъне беш аз як аср вуҷуд дорад. Агар дигар хел карда гӯем, зиёда аз 141 ҳазор ҳуҷҷат дар асоси қонуни бойгонӣ маҳфуз.

**– Дилшодҷон, чанде пеш дар вилоят садсолагии идораи архив ҷашн гирифта шуд. «Синни» шумоён ба чанд дакка зад?**

– Аз рӯйи ҳуҷҷатҳо идораи мо соли 1932 сабти ном шудааст. Шояд ҳамон солҳо ҳудудҳои ноҳияҳои Тайлоқ ва Ургут ба мо тобеъ буданд, ки мардуми ноҳияҳои мазкур низ ба идорамон ташриф мефармоянд.

**– Мардум бештар бо кадом масъалаҳо муроҷиат мекунанд?**

– Бештар доир ба қарори замини кишт, манзили зист, барқарорсозии собиқаи меҳнатӣ, миқдори маош, ба номи кӣ будани иншоот ва ғайра муроҷиат мекунанд. Ходимони идора кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мушкили корафтодагонро ҳал карда, ҳуҷҷати зарурро пешкаш намоянд.

**– Яъне ҳозир замоне шудааст, ки «бе ҳуҷҷат суханат асар надорад».**

– Бале. Ва ман хеле хушҳол ҳастам, ки дар асоси коғазҳои идораи мо мардум ба мурод мерасанд.

**– Чӣ сабаб шуд, ки шумо бо бойгонӣ сарукор дошта бошед?**

– Солҳои таҳсил дар мактаби рақами 5-и деҳаи Қавола (ҳоло рақами 75) ба фанни таърих таваҷҷӯҳ доштам. Пас аз гирифтани номаи камол ҳуҷҷатҳоямро ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурдам, аммо бахт ба рӯям натофт. Ба курси тайёрӣ дохил шудам ва орзуям ҷомаи амал пӯшид. Соли 2014 бо роҳхату дипломи донишгоҳ дар идораи архиви вилоят фаъолияти меҳнатиро оғоз кардам. Аз соли 2019 дар ноҳияи Самарқанд роҳбар ҳастам. Лекин ин таъриҳи аҷиб дорад. Падари бузургворам то ман сарвар буданд.

**– Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки пайрави падар ҳастед...**

– Ҳамин тавр гӯем ҳам мешавад. Бояд таъкид намуд, ки қиблагоҳам дар ҳамаи масъалаҳо насиҳатгару маслиҳатгар ҳастанд. Охир бузургон панде доранд: «Фарзанд ҳамон кунад ба ҳар ҳол, к-аз модари хешу аз падар дид».

**– Оре, падар – ин кони ҳикмату панд, рӯсурхӣ, ифтихори фарзанд аст. Аз қиблагоҳ боз чиҳоро омӯхтед?**

– Ҳар пагоҳӣ дуо мегирам. Фурсатҳои фароғатӣ китобҳои таъриҳиро варақ мезанам. Асарҳои устод С.Айнӣ, Л.Толстой, С.Бородин, А.Қаҳҳор, Н.Думбадзе, Ҷ.Икромӣ ва дигаронро бо завқ мутолиа мекунам.

Суҳбати мо метафсид, ки чанд нафар иҷозат пурсида ба коргохи сарвари идора ворид шуданд ва барои ҳал шудани масъалаҳо арзи сипос карданд.

– Барои таҷрибаомӯзӣ ба Куриёи Ҷанубӣ азми сафар кардам, – мулоқотро идома дод Дилшод Маъмурович. – Дар Ӯзбекистон аввалин шуда ҷевони навини электронӣ овардам. Ҳоло дар идораи мо шаш компутер, чор дона аппарати нусхабардорӣ (сканер), принтери лазерӣ ва ғайра ҳаст. Чунин дастгоҳҳо муддати хидматрасониро кам мекунад. Ғайр аз он, тавассути почтаҳои электронӣ бо бисёр шаҳру ноҳияҳо ва пойтахт алоқа дорем.

**– Дилшодҷон, таманнои шумо?**

– Инак, иди аз ҳама бузург ва муқаддас – 30-солагии истиқлоли кишвар фаро мерасад. Аз номи ҷамоаи аҳли идора тавассути рӯзномаи шумо мардуми Ӯзбекистонро табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

Мусоҳиб
**З.ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Маслиҳати методӣ*

# АНТОНИМҲО ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ

Дар ҷараёни дарси забону адабиёти тоҷик аз методҳои гуногун ва ё асбоби айёниву адабиётҳои иловагӣ истифода кардан мумкин. Хостем дар дарсҳои мазкур барои омӯзонидани калимаҳои антонимӣ аз шеърҳои Лоиқ истифода кунем. Зеро бо омӯхтани мисолҳои бисёри антонимӣ аз осори адиб хонанда дарсро ба осонӣ азхуд менамояд. Инчунин баён кардани шарҳи мухтасари байт дунёи маънавии донишомӯзро ғанӣ мегардонад.

Масалан:

*Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро бечо кунад,*
*Марде чу номардӣ кунад, сад мардро расво кунад.*
*Нодон, чу доноӣ кунад, аҳсан бигӯемаш ҳама,*
*Аммо чӣ битвон кард, агар нодоние доно кунад?*
*Шавқе агар саркӯб шуд, нохуб шуд, нохуб шуд,*
*Аз кӯр завқе дод агар, истеза бо бино кунад!*
(Лоиқ Шералӣ. Ману дарё. Саҳ. 107)
(мард-номард, доно-нодон, бино-кӯр, завқ-истеза)

Хонанда вақте ки шеърро мутолиа мекунад, хислатҳои инсонияш боз аз нав эҳё мегардад. Чунки дар байти болоӣ тазоди некӣ ва бадиро бараъло фаҳмиданамон мумкин.

*Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст,*
*Дуруштам ҳар кӣ мехонад, хато андар хато кардаст.*
(Лоиқ Шералӣ. Саду як ғазал. Саҳ. 22)
(нарм-дурушт)

Воқеан ҳам кӯҳистониён дили нарм доранд. Яъне диле, ки фиребу иғво ва мунофиқиро надорад. Шахсе, ки бад мешуморад, он саҳв кардааст.

*Дар ҷаҳони душманонӣ, дӯстонро гум макун,*
*Дар миёни каҷравонӣ, ростонро гум макун.*
*(Лоиқ Шералӣ. Ману дарё. Саҳ. 131)*
(дӯст-душман, рост-каҷ)

Дар як байт ду ҷуфт калимаи зидмаъноро шоир ғунҷоиш додааст, ки мавриди омӯзиш мувофиқи матлаб аст. Шеърҳои шоир ҳаётиву воқеӣ аст, ки шахс аз душману каҷҷиҳо канора ҷуста, ба дӯстию ростӣ бояд майл кунад.

*Агар сад сол ҳам ҷӯӣ, маро дигар намеёбӣ,*
*Шабу рӯзон худо ҷӯӣ, маро дигар намеёбӣ.*
(Лоиқ Шералӣ. Ману дарё. Саҳ. 147)
(шаб-рӯз)

Гузаро будани ҳаёт ва наёфтани шахс баъди фавт, албатта, ҳақиқати ҳаётист. Ин аст яке аз нуктаҳои нозуки ҳаётӣ, ки шоир устокорона гуфтааст.

*Замину осмони ман туӣ модар, туӣ модар,*
*Ҷаҳони бекарони ман туӣ модар, туӣ модар.*
(Лоиқ Шералӣ. Дасти дуои модар. Саҳ. 81)
(замин-осмон)

Хулоса карда гӯем, калимаҳои антонимӣ дар шеърҳои Лоиқ инъикоси худро ёфтааст, ки мо чанде аз онҳоро мушоҳида кардему халос. Шеърҳои шоирро дар дарсҳои забону адабиёт нисбат ба синну соли хонанда дақиқан ва мукаммалан таҳлил кунем, натиҷаовар аст. Хусусан, дарси 71-уми забони тоҷикӣ, ки барои синфи 5 таҳти мавзӯи "Калимаҳои зидмаъно (антоним)" ва дар синфи 10 дарси 8-ум "Услубиёти мутазодӣ"-ро омӯзонидан мусоид аст. Аз шеърҳои Лоиқ нуктаҳои муҳимми ҳаётро дарёфт намуда омӯхтан, омӯзандаро ба модар, Ватан, халқ, миллат, забон, умуман, ба дарки инсон ва таърихи миллии он саҳмгузор будан ашро ошкор месозад.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**муаллими забону адабиёти тоҷики мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

# ҶАСОРАТМАНД

Яке аз донишмандони илми адабиётшиносии тоҷик Носирҷон Салимов 60-сола шуд. Вақт чӣ гуна зудгузар. Гӯё дирӯзакак дар риштаи филологии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ҳамроҳ донишҷӯ будем. Ду курс болотар мехондам аз Носирҷон, вай баъди вафоти падараш Юсуф Салимов, ки устоди донишгоҳ буданд, студент гашт. Ба хотири устоди шодравони худ ҳам, ки дар авҷи камолот аз дунё гузаштанд, Носирҷонро бештар эҳтиром менамудем. Бо хониши аъло, рафтори намунавӣ, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, айни замон, Н.Салимов ба дилу дидаи устодон қарин шуда буд.

Байни доништалабоне, ки аз мо ду курс поинтар мехонданд, ӯ ва ҳамдарсаш Ҷамила Шодиева бо ҷӯяндагӣ ва заковат ҷудо шуда меистоданд. Бо фаъолияти ибратангез дар ҷамъияти илмии донишҷӯён, дар маҳфилҳои адабӣ, ҷамъомадҳои илмӣ-пажӯҳишӣ ва эҷодӣ ҳарду баромадҳои ҷолиб менамуданд.

Нахустин китоби адабиётшиноси он вақт ҷавон Аскар Ҳаким «Шеър ва замон» дар ҷамъомади илмии кафедраи адабиёти тоҷик бо иштироки муаллиф мавриди муҳокима қарор гирифт. Фикрҳои солим дар борои як қатор мақолаҳое, ки дар китоб ҷойгир буданд, аз ҷониби донишҷӯёни курсҳои поёнӣ Н.Салимов ва Ҷ.Шодиева низ баён гаштанд. Аскар Ҳаким ва дигарон онҳоро таҳсин карданд, гуфтанд хусусан ин ду нафар – ояндаи илми адабиётшиносии мо, ба шарте ки оянда низ дар ҷодаи пурпечутоби ҷӯяндагӣ бо шуҷоат қадам зананд, хидмат ба илму адабиётро назди худ мақсад гузошта, бо азму иродаи қавӣ барои амалӣ гардондани ниятҳо кӯшанд.

Ҷамиларо ҳанӯз аснои мактабхонӣ аз рӯи шеърҳояш, ки дар «Пионери Тоҷикистон» ва «Машъал» муттасил чоп мешуданд, ғоибона мешинохтам. Вақте ба курси сеюм гузаштем, донистем, ки шоира ба курси аввали шуъбаи мо қабул шудааст. Намедонистем то ба ҳол, ки вай духтари яке аз устодони мо – профессор Эргаш Шодиев.

Носирҷону Ҷамила, ҳамин тавр, мавриди эътибори алоҳидаи устодони мо Саъдулло Асадуллоев, Абдухолиқ Набиев, Абдуманнон Насриддинов, Ӯғилой Аҳмадова, Фарҳод Зикриёев, Ҳувайдулло Ҷалилов, Абдулло Сатторов ва дигарон қарор гирифта, байни донишҷӯён, тавре ишора рафт, ҳарҷониба намуна буданд.

Ду нафар донишҷӯён аз Сӯх, ки бо ҳам наздик будем, дар ҳавлии устодамон Юсуф Салимов иҷора менишастанд. Бинобар баъзан назди ҷӯраҳо рафтан бо аъзои он хонадон як андоза қарин шуда будем.

Мо, чанд донишҷӯ, шабонгоҳе аз сеанси охирини филме, ки дар кинотеатри «Тоҷикистон» гузошта шуд, баромада, дар кӯча ду гурӯҳро дучор омадем, ки мехостанд муштзанӣ кунанд. Гурӯҳи аввал – се-чаҳор нафар, тарафи муқобил – хеле зиёд, вале яке аз бачагон аз гурӯҳи аввал он қадар ҷангталаб, гӯё мехоҳад як худаш ба чандин кас бас омадаву фиғони ҳамаро барорад. Дар нимравшанӣ он «баҳодур»-ро, ки ба назарам гарм тофт, шинохтам: вай Носирҷон буд, писари мактабхони муаллими мо Ю.Салимов. Ӯро ором сохта ва пеши роҳи ҷанҷолро гирифтем.

Н.Салимов баъди донишҷӯ шудан вазнин ва солор гашт, дар майдони омӯзишу таълим зӯр ва ҷасорат нишон дод. Баъди бомуваффақият хатм кардани Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд дар риштаи филологии муассисаи таълимии мазкур чанд муддат ҳамчун лаборант, муҳаққиқи коромӯз фаъолият бурд. Баъдан дар аспирантура таҳсил ва ба корҳои пажӯҳишию ҷустуҷӯи илмӣ ҷиддан камар баст.

Муҳити илмӣ-адабии шаҳри Душанбе, ки Н.Салимов акнун он ҷо иқомат дошт, дар шуъбаи танқид ва адабиётшиносии маҷаллаи «Садои Шарқ» ҳамроҳ бо яке аз донишмандони соҳа Бӯстон Шакурӣ фаъолият бурд. Сонӣ ходими илмии Институти забон ва адабиёти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон таъин гашт.

Н.Салимов бо тақозои шароити оилавӣ ба Хуҷанд баргашт. Дар кафедраи адабиёти тоҷики донишгоҳ ба омӯзгорӣ шурӯъ намуд. Ҳанӯз дар Душанбе рисолаи номзадӣ дифоъ ва соли 1991 ҳамчун беҳтарин олими ҷавон барои силсилаи мақолаҳо ба дарёфти шаҳодатномаи Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ноил гардид.

Дар факултае, ки як вақтҳо падари бузургвораш кор мекард, чун лексия хонд, баъд мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик таъин гашт. Корҳои педагогию пажӯҳиширо тавъам давом дод. Ҳар машғулоте, ки бо толибони илм мегузаронд, мисли дарсҳои падари раҳматиаш диққатҷалбкунанда буданд. Ҷамоаи омӯзгории донишгоҳ меангошт мисле омӯзгор ва донишманди маъруф Юсуфҷон Салимов зинда шуда ва боз ба кафедра баргаштааст...

Дар корҳои роҳбарию ташкилотчигӣ низ чиҳатҳои нотакрори Н.Салимов ошкор мегашт. Илм ва адабиёт дар давраи Сомониён эътиборашро бештар ҷалб сохта, дар ин самт тадқиқотҳо бурд, мақолаҳои ҷолиб навишт.

Соли 1998 директории «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён»-ро ба вай супурданд. Соли 1999 ноиби ректори қисми илмию таълимии донишгоҳ таъин ва дар ин вазифа то соли 2001 кор кард. Соли 1999 барои китоби дуҷилдааш «Сомониён дар оинаи таърих» ба дарёфти Ҷоизаи «Камоли Хуҷандӣ»-и Ҳукумати вилояти Суғд мушарраф гардид.

Баъдан Носирҷон Салимовро лозим омад дар лавозимҳои боз ҳам баланд ва масъулиятталаб фаъолият барад: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2001 вай ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, аз 10 январи соли 2010 ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, соли 2012 директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон, аз 15 декабри соли 2014 ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шуда адои вазифа намуд. Соли 2019 чанд муддат ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми Тоҷикистон директорӣ низ кард, сонӣ узви Маркази интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон таъин гашт. Ҳар вазифае, ки супурданд, бо виҷдони пок иҷро кард, бовариҳоро сазовор гардид.

Монографияҳояш аз қабили «Маърифати бадеии таъриҳ», «Мероси Оли Сомон», «Марҳилаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ», ҳамчунин бештар аз 100 мақолаҳои илмӣ-оммавиаш ба чоп расида ва манзури алоқамандони соҳа гардидаанд. Дар таҳияи «Ҳазору як шаб», «Сомониён дар оинаи таъриҳ», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва ҳоказо саҳм гузоштааст.

Истеъдод ва қалами расои Носирҷон Салимӣ дар тарҷумаҳои бадеӣ, ки ба анҷом расондааст, низ ҳис мешаванд. Соли 1991 дар баргардониши ӯ «Ҳикояҳои А.П.Чехов» дар шакли китоби алоҳида ба дасти хонандагон расид. Аз осори адибони булғор низ намунаҳо тарҷума кард, ки дар китоби «Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст» («Ирфон, 1998) фароҳам омадаанд. Зикршуда аз соли 1999 – узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон, яке аз донишмандони илми шеър будани ӯро кайҳо эътироф кардаанд.

Ҳанӯз соли 2002 докторӣ дифоъ ва ба номи шарафноки профессорӣ ноил шуд. Аз соли 2008 академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст, ки ин олими нуктасанҷ ҳоло 60-сола гаштааст.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**
*Шаҳри ТОШКАНД.*

*Шоми дӯстӣ*

# «МАВРИГӢ»– ПАЙВАНДГАРИ ХАЛҚҲО

***Ба наздикӣ бо ташаббуси Вазорати фарҳанг ва Филармонияи давлатии Ӯзбекистон дар саҳнаи тобистонаи Қасри санъати «Туркистон» барномаи консертии дастаи ҳунарии «Мавригӣ»-и Бухорои шариф пешкаши тамошобинон гардид.***

Дар чорабинии фарҳангӣ аҳли шеъру ҳунар ва сафири нави Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ширкат намуданд. Яке аз хусусиятҳои халқҳои тоҷику ӯзбек он аст, ки ба фарҳангу ҳунар дилбастагии зиёд доранд. Суруду гӯйишҳояшон мисли ширу шакар ба ҳам меомезанд. Дар суруду таронаҳои халқӣ бисёртар орзуву умед, ҳаёти ноорам ва зиндагии душвори халқ дар гузашта, ҷудоӣ аз ёр, муҳаббати пок ва ба ҳаёти осудаи имрӯза шукронаҳо гуфтан ифодаи худро ёфтаанд. Либосҳои миллии тоҷиконаи онҳо эҳёи арзишҳои миллии халқи тоҷикро бори дигар намоён месозад.

Ба қавли оҳангсози номӣ Мустафо Бафоев «Мавригӣ» ҳамин хел навъи суруд аст, ки онро ба русӣ ҳам метавон иҷро кард. Савту сурудҳои «Мавригӣ» ҳамаро ғайриихтиёр ба рақс даъват менамояд. Ин бор низ чунин шуд. Ҳангоми иҷрои сурудҳо пиру ҷавон ба рақс даромаданд. Дар рафти барнома дастаҳои дигари ҳунарӣ низ ҳунарнамоӣ карданд.

Бешубҳа, он шом ба шоми дӯстии халқҳо табдил ёфта буд. Хотири болидаи тамошобинон аз он гувоҳӣ медод, ки онҳо аз консерт як олам ғизои маънавӣ гирифтаанд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дами хуш ба меҳнат ҳамдам, мегӯяд халқи донои мо. Хусусан, истироҳат дар оғӯши табиат ба солимӣ ҳарҷониба судманд. Маскани истироҳатии «Тешиктош» воқеъ дар ноҳияи Ургут бо табиати ба худ хос эътибори умумро мекашад. Соҳибкор барои ташкили ин маскан аз филиали ноҳиявии «Миллийбанк» 100 миллион сӯм кредит гирифт. Вай ният дорад барои васеъ сохтани фаъолияти худ, офаридани шароитҳои қулай барои сайёҳон нақшаҳои ояндаашро аз ҳисоби маблағи шахсиаш ба амал барорад. Ният дорад дар ин ҷо сайр дар асп, истифода аз шири бӯз ва уштурро ташкил намояд.*

***Дар сурат:*** *дар маскани истироҳатии «Тешиктош».*

***Суратгир: А.ИСРОИЛОВ (ҲзА).***

# ШУКӮҲИ ҶАШНВОРАИ ҶАВОНОН

***Дар доираи моҳонаи ҷавонон, ки дар саросари ҷумҳурӣ гузаронидани он ба нақша гирифта шудааст, дар қаламрави вилояти Ҷиззах ҷашнвораи серӯзаи ҷавонон таҳти шиори «Ҷавонони Ӯзбекистони навин, муттаҳид шавем!» хеле муташаккилона мегузарад.***

Рӯзи аввал дар ҳузури ҳазорҳо нафар ҷавонон, ки аз шаҳру ноҳияҳо гирд омада буданд, ҳунарпешагон аз пойтахт омада консерти калон намоиш доданд.

– Мувофиқи Барномаи ҷашнвора гузаронидани даҳҳо викторина, бозиҳои интеллектуалӣ дар назар аст, – иттилоъ расонд роҳбари дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят Акмал Биноқулов. – Пасу пеш ин лоиҳаҳо баргузор мешаванд. Аслан ҳадафи асосии ҷашнвора ҳам дар ақлу шуури ҷавонон амиқтар ҷо намудани панҷ ташаббуси Президент мебошад.

Дар соҳили Маҷмӯи кӯлҳои Айдар – Арнасой қариб дусад нафар ҷавонони боистеъдод бо ёрии мӯйқалам манзараҳои кӯл ва соҳили онро тасвир намуданд. Албатта, беҳтарин намунаҳои ҳунари рассомони ҷавон қадр ёфт.

Дар Боғи миллии Зомин анҷумани экологӣ барпо гардид. Дар вохӯриҳое, ки муовини вазири корҳои дохилӣ ва сардори Садорати вилоят таҳти шиори «Роҳбар ва ҷавонон» гузаронд, ҷавонон баробари намоиш додани ҳунару истеъдоди худ аз нақшаву лоиҳаҳои худ ҳарф заданд.

Тантанаҳои асосии ҷашнвора дар Боғи экологии «Ӯрда» сурат гирифт. Тавре ки худи ҳокими вилоят ҳам эътироф кард, ғояи ба кор даровардани ин маскани истироҳатӣ якчанд сол муқаддам сар зада бошад ҳам, маҳз бо ташаббус ва раҳнамоии Президенти мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев ҷомаи амал пӯшид. Инак тайи як-ду соли охир он ҷойи вақтхушии ҷавонон гардид.

Ҷашнвораи ҷавонон дар арафаи анҷомёбист. Ва, албатта бо як қатор бартариҳои худ дар дили иштирокчиён таассуроти хуб боқӣ хоҳад гузошт.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## Эҳтиром ба модарон – вазифаи муқаддас

**Дар "Боғи эҷодкорон"-и шаҳри Марғелон бори аввал фестивали марҳилаи вилоятӣ таҳти унвони "Эҳтиром ба модарон" баргузор гардид.**

Дар он модарони як гурӯҳ ходимони Садорати нақлиёти вилоят низ ширкат карданд.

Модари ходими ин ниҳод Ҷаҳонгир Ҳакимов – Раъноҳон Ҳакимова яке аз занони хушбахт муаррифӣ шуд, ки ба фестивали вилоятӣ роҳхат гирифтааст. Вай аз рӯи номинатсияи "Модари беҳтарини сулолаи низомиён" ғолиби мутлақи фестивал гардид ва ба Дипломи дараҷаи аввали ҳокимияти шаҳри Фарғона сазовор шуд.

**Зиёда НАҶИМОВА,**
**котиби матбуоти Садорати нақлиёти вилояти Фарғона.**

*Китобиёт*

# «НАСИҲАТ ГӮШ КУН, ҶОНО...»

Боиси хушнудист, ки солҳои охир ба табъ расидани китобҳо ба забони тоҷикӣ меафзояд.

Дар китоби тозанашри Парда Ҳамдамӣ мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ, эҳтироми падару модар, ватан ва ватандӯстӣ, тарбияи фарзанд, илмомӯзӣ, ҷавонмардӣ, ҳамнишинӣ бо некон, аҳд ва вафо, мазаммати мардумозорӣ, фазилати зани порсо, ишқи поки илоҳӣ, фазилатҳои парҳезкорӣ, дурдонаҳои андарзу андешаҳо, ки аз қадимулайём аз ҷониби устодони хирад гуфта шудааст, зикр меёбанд. Ҳикояҳои пандомези муаллиф, ки аз таҷрибаи ҳаёти худ гирифтааст, барои хонанда, барои тарбияи баркамоли насли наврас аҳамиятнок аст.

Китоби «Насиҳат гӯш кун, ҷоно...», ки ҳоло дар даст дорем, аз бобҳои «Насиҳат зар аст, агар донӣ», «Ҳикояҳо» ва «Ҳаҷвияҳо» иборат буда, дар он хислатҳои неки инсонӣ тараннум мешаванд, воқеаҳои пандомез баён мегарданд. Касе, ки панду ҳикматро дӯст медорад, аз расвоӣ дар ду ҷаҳон амон меёбад, касе, ки аз гузаштаи дигарон панд нагирад ва таҷриба наомӯзад, сарриштаи зиндагии худро ба тамом аз даст бидиҳад. Чунонки Абулқосими Фирдавсӣ фармудааст:

*Ҳар он гаҳ, ки гӯӣ*
*расидам ба ҷой,*
*Набояд зи гетӣ маро*
*раҳнамой.*
*Чунон дон, ки*
*нодонтарин кас туӣ,*
*Агар панди донандагон*
*нашнавӣ!*

Парда Ҳамдамӣ дар калонсолӣ ба майдони адабиёт омада, гӯё барои баровардани «қусур»-и умри гузарондаи худ берун аз қаламрави адабиёт ҳоло ба аспи ғайрат нишаста, қаламфарсоӣ мекунад.

Парда Ҳамдамӣ дар гузари Рӯҳоболи шаҳри Самарқанд, дар оилаи косиб чашм ба дунё кушодааст ва аз хурдсолӣ аз падар ва аҳли гузар, ки дар миёни онҳо шахсони хирадманд бисёр буданд, панду ҳикмат, дар бораи ҳодисаву воқеаҳои ибратомӯз ҳикояву ривоятҳо шунидааст.

Ҳикоят ва ривоятҳое, ки аз падар дар нишастҳои оилавӣ шунида буд, дар китоби муаллиф дар боби «Аз ҳикояҳои падарам» акси худро ёфтаанд. Дар боби «Эҳтироми волидайн» чунин мегӯяд: «Падару модар кистанд? Падару модар ҳамчун ду ганҷинаи бебаҳо ҳастанд, бинобар ин шоистаи эҳтиром ва эҳсонанд. Падар барои дарёфти ризқ ҳамеша дар заҳмату кулфат аст. Модар барои болида сохтани қалби ҷигарбандаш ҳамеша изҳоргари меҳру шафқат аст. Вале нигаронӣ ин ҷост, ки мо дар ғафлатем, дар эҳтироми волидайн беаҳамиятем. Оё ҳукми Офаридгорро нашунидаем, ки ба мо чунин хабар медиҳад: «Танҳо Худоро бипарастанд ва ба падару модар накӯӣ кунанд» (Сураи Бақара, ояти 83). Муаллиф дар боби «Тарбияи фарзанд» чунин ривоятеро меоварад: «Марде ҳамроҳи писараш дар хидмати ҳазрати Умар (р) расида, чунин арз кард: «Эй амиралмуъминин, ин фарзандам фармони маро гӯш намекунад ва нисбат ба ман бетаваҷҷӯҳиро раво медонад». Ҳазрати Умар (р) рӯ ба фарзанд карду фармуд: «Оё аз Худо наметарсӣ, ки ҳаққи падаратро ба ҷо намеоварӣ, дар ҳоле ки ҳаққи падар чунин ва чунон аст». Фарзанд дар посух бо амиралмуъминин арз кард: «Эй амиралмуъминин, оё фарзанд бар волидайн ҳаққе дорад?» Ҳазрати Умар (р) фармуд: «Оре, ҳаққи фарзанд бар падар ин аст, ки бо зани бадкор издивоҷ накунад, то барои фарзандаш дар оянда боиси ору сарафкандагӣ нагардад, номи хубе барои фарзандаш гузорад, ба фарзандаш Қуръон ва илми дин биомӯзад». Он писар гуфт: «Эй амиралмуъминин, ба Худо қасам, падарам ҳеҷ кадоме аз ин корҳоро барои ман накардааст, модарам канизи як маҷусӣ буда, ки падарам бо вай издивоҷ кардааст, номи маро Ҷуъал (гамбуски сиёҳ) гузошта, ҳатто як калима аз Қуръон ба ман ёд надодааст». Ҳазрати Умар (р) ба ҷониби падар назаре андохта гуфт: «Омадӣ аз нофармонии писарат шикоят кунӣ, вале худ пеш аз он нофармонӣ кардӣ ва қабл аз он, ки бо ту бадрафторӣ кунад, то бо ӯ бархурди ношоиста доштаӣ».

Китобҳои Парда Ҳамдамӣ қаблан ҳам бо номҳои «Аз бало ҳазар», «Меросхӯр», «Аз дилозор Худо безор», «Телпак ва телпакдӯзони Самарқанд» бо забони тоҷикӣ чоп шудааанд.

**С. РӮЗИЕВА.**

Тошкент вилояти Бӯстонлиқ тумани Нанай қишлоғи 44-ӯрта умумтаълим мактаби томонидан Вакилов Тохир Джурабоевич номига 1992 йил 17 июнда берилган №014816 рақамли умумий ӯрта таълим тӯғрисидаги шаҳодатнома йӯқолганлиги сабабли **БЕКОР ҚИЛИНАДИ**.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 819, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.